# ПРОТОКОЛИ

## ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

аз 02.03.2023 №8 ш.Хуҷанд

Иштирок доштанд: Ваализода Ш.– н.и.п., сармуаллима, мудири кафедра, Шаропов Ш.А.- доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Сабурӣ Х.М.- доктори илмҳои педагогӣ, профессор Раҳмонов З.П.- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Элмуродова С.Х. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Кӯчибоев Ш.И. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Нематов П.С. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ҳоҷиева М.Р. – сармуаллима, Ҳошимова Г. - н.и.п., сармуаллима, Имомова М.А., Пиров Ҳ., Шарипова Т.Т., Файзиева Ҳ., Мӯъминова И.С., Ғаффорова С.

## РӮЗНОМА

Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Собирова Назира Солиҷоновна таҳти унвони “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

**Шунида шуд:**

Ҷаласаро мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ Ваализода Ш.– н.и.п., сармуаллима ифтитоҳ намуда иброз дошт, ки рисолаи илмии унвонҷӯ Собирова Назира Солиҷоновна таҳти унвони “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” барои муҳокима ва баррасӣ дар маҷлиси

кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” пешниҳод гардидааст.

Мудири кафедра Вализода Ш. баъди ба ҳозирин эълон намудан рӯзномаи ҷаласа суханро барои маърӯза ба довталаби дараҷаи илмӣ Собирова Назира Солиҷоновна дод.

Собирова Назира Солиҷоновна оид ба мубрамии мавзуъ, мазмуну муҳтавои диссертатсия, навгонии илмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти озмоишии баргузоркардааш мухтасар маълумот дод.

Сипас аъзоёни ҷаласа Кӯчибоев Ш.И., Раҳмонова Д.З., Сатторов У.А., Ҳошимова Г.Г. саволҳои худро ба унвонҷӯ пешниҳод намуданд ва унвонҷӯ ба ин саволҳо ҷавоб дод.

Баъдан муҳокимаи рисола оғоз гардид. Дар муҳокимаи рисола профессор Исломов О.А, Сабурӣ Х.М. ва дотсентон Раҳмонов З.П., Раҳмонова Д.З. иштирок намуда, доир ба ҳусну қубҳи рисола назари хешро баён карданд.

Ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар асоси фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшуда

## ҚАРОР КАРД:

1. Рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзуи “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 -Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пажӯҳиши анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Ба довталаб Собирова Н.А. супориш дода шавад, ки дар давоми як моҳ ҳамаи камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, ба кафедра нусхаи ислоҳшудаи диссертатсияро пешниҳод намояд.

3. Баъди ислоҳи камбудиҳои дар ҷараёни муҳокима баёншуда диссертатсия тибқи муқаррарот ба ташхиси давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 14- нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 14 нафар, “муқобил” – нест,
“бетараф” – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Протоколи №8 аз 02.03. 2023 сол.

**Раиси маҷлис,** мудири кафедраи
Педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
номзади илмҳои педагогӣ, сармуаллима Ализода Ш.

Котиби ҷаласа, муаллимаи кафедраи
педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ Ғаффорова С.П.

Имзои Ш.Ализода ва С.П. Ғаффороваро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и МДТ “Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров” Наврӯзов Э. М